**ТАЪКИДИ РОҲБАРИЯТ ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТИ ТАҲИЯ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛИ ҲИСОБОТИИ ДАР САНАИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 ХОТИМАЁФТА**

Таъкиди зерин бояд бо зикри ӯҳдадориҳои аудиторҳо, ки дар саҳифаи 4–и ҳисоботи аудиторҳои мустақил оварда шудааст, чун ҳудудгузорӣ ё фарқияти байни масъулияти аудиторҳо ва роҳбарият дар бобати ҳисоботи молиявии ФҚХ «ХАМЁРИ» (минбаъд дар матн чун "Фонд" зикр мешавад) ҳисобида шавад.
Роҳбарияти Фонд нисбати таҳияи ҳисоботи молиявӣ, ки эътимоднокии тамоми ҷанбаҳои вазъияти молиявӣ, натиҷаи фаъолият, гардиши маблағ ва тағйирот дар сармояи Фонд тайи соли ҳисоботии дар санаи 31-уми декабри соли 2022 хотимаёфтаро мутобиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд чун СБХМ зикр мегардад) инъикос менамояд, масъул мебошад.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ роҳбарият масъулияти амалҳои зеринро бар ӯҳда доранд:

- Интихоби усулҳои муносиби баҳисобгирии муҳосибавӣ ва истифодаи мунтазами онҳо;
- Риояи талаботи СБХМ ва шарҳ додани ҳамагуна инҳироф аз СБХМ дар эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ;
- Таҳия намудани ҳисоботи молиявӣ бо назардошти эҳтимолияти он ки Фонд дар оянда наздик фаъолияти худро идома хоҳад дод, ба истиснои мавридҳое, ки чунин эҳтимол ғайриқонунӣ бошад.

Роҳбарият ҳамчунон барои амалҳои зерин масъул аст:

- Такҳия, амалисозӣ ва таъмини фаъолияти самарабахш ва боэътимоди низоми назорати дохилии Фонд;
- Нигаҳдории ҳисобдорӣ дар сатҳи зарурие, ки имконияти дар вақти лозими ба таври дақиқ маълумот дар бораи вазъияти молиявии Фонд омода менамояд ва мутобиқати ҳисоботи молиявро бо талаботхои СБХМ таъмин менамояд;
- Ба роҳ мондани ҳисобдорӣ мутобиқи қонунгузорӣ ва стандартҳои ҳисобдории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Дар чорчӯбаи салоҳияти худ андешидани чораҳо барои ҳифзи дороиҳои Фонд;
- Ошкор ва пешгирӣ намудани ҳодисаҳои қаллобӣ, иштибоҳ ва дигар сӯиистифодабариҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои соли хисоботии дар санаи 31-уми декабри соли 2022 анҷомёфта аз тарафи Роҳбарияти Фонд тасдиқ гардидааст.

**Аз номи ФҚХ «Хамёри»:**

| | |
|---|---|
| Раиси Раёсат | Муллосафаров М.М. |
| Директори молия | Акрамов Б. |

ФҚХ «ХАМЁРӢ» MLF «HAMYORI»